аз 05.01.2024, №4

«Дар бораи тасдиқи Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025, ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» ва Нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025, ки бо қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, №357 қабул гардидааст»

Бо мақсади иҷрои қисми 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, №357 ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» ва Нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025, мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025, ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» ва Нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳо (ташкилотҳо)-и системаи Кумитаи андоз иҷрои бандҳои нақшаи кории мазкурро ба пуррагӣ таъмин намуда, натиҷаи иҷрои онро ҷамъбаст ва ҳамасола то 15-уми январ ба Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.

3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои (ташкилотҳои) системаи Кумитаи андоз дастрас намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис – сарпарасти Раёсати таъмини ҳуқуқӣ вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замима
ба фармоиши Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «5» январи соли 2024, №4

## НАҚШАИ КОРИИ

дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2025, ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» ва Нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, №357 қабул гардидааст.

| № р/т / р/с | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаҳои маъмулӣ)-и дар назар дошташуда | Мухлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|
| 1/3 | Таҳияи методологияи ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот бо мақсади татбиқи тавсияҳои сохторҳои СММ ва мониторинги иҷрои тавсияҳо ва нақшаҳои амал | 1. Таҳияи механизми ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот.<br>2. Таъмин намудани самаранокии ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти зарурӣ дар самти ҳуқуқи инсон. | 2023-2025 | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Маркази такмили ихтисос, КВД “Редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 2/4 | Гузаронидани омӯзиши пайваста дар самти ҳуқуқи инсон ва механизми иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон барои шахсони тамоми вазорату идораҳо оид ба ҳуқуқи инсон | Гузаронидани на камтар аз 10 чорабинии омӯзишӣ барои кормандони мақомоти андоз дар самти ҳуқуқи инсон | 2023-2025 | Маркази такмили ихтисос, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3/70 | Таъсиси гурӯҳи корӣ оид ба такмил додани қонунгузорӣ дар соҳаи озодии муттаҳидшавӣ тибқи тавсияҳои ниҳодҳои дахлдори СММ бо ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мутахассисон дар ин соҳа | Манзур намудани пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории соҳаи мазкур | 2023-2025 | Раёсати такмили қонунгузории андоз, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 4/73 | Амалӣ намудани чорабиниҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа | Гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва эътиқод, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа | 2023-2025 | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 5/79 | Гузаронидани омӯзиши мунтазами намояндагони мақомоти давлатӣ, ВАО ва журналистон оид ба масъалаҳои таъмини дастрасӣ ба иттилоот | Таҳия намудани нақшаҳои гузаронидани чорабиниҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои дастрасӣ ба иттилоот ва мунтазам гузаронидани дарсҳо ҷиҳати дастрасӣ ба иттилоот | 2023-2025 | Маркази такмили ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз”, КВД “Редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 6/92 | Таҳия (такмил)-и барномаҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисос дар бораи ҳуқуқи занон ва баробарии гендерӣ барои намояндагони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти намояндагӣ, судҳо, прокуратура, кормандони | 1. Таҳия ва гузаронидани таҳлили барномаҳои мавҷудаи таълимӣ, барномаҳои омӯзишӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи занон ва баробарии гендерӣ дар мақомоти андоз.<br>2. Дар асоси барномаҳои таҳиягардида гузаронидани дарс ва семинарҳои омӯзишӣ. | 2023-2025 | Маркази такмили ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | соҳаҳои маориф ва тандурустӣ | | | |
| 7/94 | Таҳияи чорабиниҳои мақсадноки маълумотию маърифатӣ бо мақсади баланд бардоштани маълумотнокии занон дар бораи ҳуқуқҳои худ ва воситаҳои мавҷудаи ҳимояи ҳуқуқӣ | Таҳия ва ба тасвиби мақолаҳои махсусгардони-дашуда дар ВАО, дарҷ намудани маводи маълумотӣ дар бораи механизми қабул ва баррасии арзу шикоятҳо дар сомонаи мақомоти андоз ва паҳн намудани ин маълумот тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоии мақомоти андоз | 2023-2024 | КВД “Редаксияи рӯзномаи “Боҷу хироҷ”, КВД “Маркази барнома-созии маъмурикунонии андоз”, дигар сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |

Эзоҳ: Нақшаи корӣ дар заминаи қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2023, №357 «Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038» ва Нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025 таҳия шудааст.